# ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба кори диссертатсионии Парвизи Ҳотам дар мавзӯи: «Баҳодиҳии зарфияти агроландшафти заминҳои обёрии водии Данғара бо истифодаи технологияи системаи геоиттилоотӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисоси 6D081000-мелиоратсия, барқарорсозӣ ва ҳифзи заминҳо.

Мутобиқи таҳлили маълумоти омории фонди заминистифодабарӣ соли 2000, бар сари ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон (0,17 га) замини корами обӣ рост меомад, ин нишондиҳанда дар солҳои минбаъда, аниқтар соли 2005 (0,12 га), соли 2010 (0,10 га), соли 2015 (0,08 га), соли 2019 (0,06 га) – ро ташкил медиҳад ва ин шаҳодати он аст, ки сол то сол камшавии захираи заминҳои корами обӣ вобаста ба зиёд шудани аҳолии кишвар дарак медиҳад.

Ҳамин тавр шумораи аҳолӣ айни ҳол наздик ба 10 млн мерасад, ки мутобиқи нақшаи демографии ҷумҳурӣ то соли 2030 ин нишондод ба 13 млн хоҳад баробар гашт. Дар ин асос дар ноҳияи Данғара мутобиқи таҳлили маълумоти омории фонди заминистифодабарӣ дар соли 2011 шумораи заминистифодабарандагонӣ соҳаи кишоварзӣ ба 970 нафар рост меомад.

Аммо, дар соли 2019 бошад чунин нишондод ба 1668 нафар баробар шуд, ки афзоиши ниёзи аҳолиро ба сектори аграрӣ исбот менамояд. Бояд қайд намоем, ки 93 % - и ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистонро кӯҳсор ташкил медиҳад ва танҳо 7 % - и он ҳамворӣ мебошад, ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳар як қитъаи хурди замини обёришаванда дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қиммати зарро дорад, чунки бе заминҳои кишоварзии обёришаванда таъмини амнияти озуқаворӣи мамлакат ғайриимкон мебошад.

Ба ин мақсад дар амал ҷорӣ намудани принсип ва методҳои омехтаи корҳои илмӣ - таҳқиқотӣ дар самти мазкур бо истифодаи системаи геоиттилоотӣ айни замон зарурӣ шумурда мешавад. Маводҳои кофии таҳқиқоти фосилавӣ, хулосаҳо ва муқаррароти асосии диссертатсия асоснок

мебошанд. Аҳамияти назариявӣ, амалӣ инчунин натиҷаҳои бадастомадаи кори таҳқиқотии мазкур имкон медиҳанд, ки ҳолати гузашта ва воқеии заминҳои обёришавандаро дар муддати кутоҳ муайян намуда, барои пешгирии ҳолати манфии табиӣ, антропогенӣ чораҳои зарурӣ андешида шавад. Чунин маҷмӯи чорабиниҳо метавонанд, саҳми худро дар пешрафти соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ ва водии мазкур расонанд. Зеро мақсад на танҳо як қисмати заминро беҳ гардондан аст, балки водии Данғара ва дар баробари он масоҳати майдони заминҳои корамии обии ҷумҳуриро низ бояд афзун намоем.

Диссертатсияи Парвизи Ҳотам дар мавзӯи: «Баҳодиҳии зарфияти агроландшафти заминҳои обёрии водии Данғара бо истифодаи технологияи системаи геоиттилоотӣ» мутобиқ ба талаботи муқарраршуда дар сатҳи зарурӣ таҳрезӣ гардида, зимни матраҳнамоии мавзӯъ роҳҳои ҳалли масъалаҳои он ба василаи татбиқи усулҳои навини муосир хеле хуб нишон дода шудааст ва дар маҷмӯъ диссертатсияи томро ташкил медиҳад.

Диссертатсияи мазкур ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D081000 - мелиоратсия, барқарорсозӣ ва ҳифзи заминҳо мувофиқат мекунад ва онро мавриди муҳокимаи умум қарор додан мумкин аст.

Роҳбари илмӣ:
номзади илмҳои кишоварзӣ,
дотсенти кафедраи геодезия ва
геоинформатикаи Донишгоҳи
аграрии Тоҷикистон ба номи
Ш.Шоҳтемур

Акрамов Абдуғафор